Мутобиқи м. 392 КМ ФР корманд ҳуқуқ дорад, ки дар муддати 3 моҳ аз рӯзи огоҳ шуданаш аз поймолшавии ҳуқуқи худ, оид ба хориҷ шудан аз кор – дар муддати 1 моҳи ба ӯ супурдани нусхаи фармони хориҷ шуданаш ё аз рӯзи ба ӯ баргардонидани дафтарчаи меҳнатияш ба суд муроҷиат кунад.

Ҳангоми муроҷиат ба суд бо аризаи даъвоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ кормандон аз пардохтани бочи давлатӣ ва хароҷоти судӣ озод карда мешаванд. Парвандаҳо оид ба қарзҳои камтар аз 50 ҳазор рубл дар судҳои ҳакамӣ (мировой?), агар қарзҳо аз ин зиёдтар бошанд, дар судҳои ҳуқуқи умумӣ муҳокима карда мешаванд.

Дар ҳолати напардохтани музди меҳнат дар муддати 2 ва ё зиёда моҳ Шумо метавонед ба Следственный отдел Главного следственного управления Следственного комитета Российской Федерации муроҷиат кунед: ба муддати дурудароз напардохтани музди меҳнат ҷиноят аст (ст. 145.1 КҶ ФР).

## КОРИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОРИҶӢ

Донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар шакли рӯзона таҳсил мекунанд, метавонанд дар вақтҳои фориғ аз таҳсил бе патент ва иҷозати кор ба меҳнат машғул шаванд. Барои бастани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ аз онҳо талаб карда мешавад, ки танҳо маълумотнома аз мактаби олӣ ё коллеҷи дорои аккредитатсияи давлатӣ, ки дар ҳамин минтақа таҳсил карданашонро тасдиқ менамояд, пешниҳод кунанд.

### Барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии худ муроҷиат кунед:

**Хатти доғ барои муҳоҷирони меҳнатии Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге:**
8 (812) 576-28-67

**Государственная инспекция труда**
Санкт-Петербург: 8 (812) 408-90-15, git78.rostrud.ru
Ленинградская область: 8 (812) 612-70-34, git47.rostrud.gov.ru
Москва: 8 (495) 343-95-98, git77.rostrud.ru
Московская область: 8 (495) 343-99-54, git50.rostrud.ru

**Прокуратура**
epp.genproc.gov.ru
Санкт-Петербург: 8 (812) 315-48-53
Ленинградская область: 8 (812) 429-77-55
Москва: 8 (495) 955-97-73, 8 (495) 951-71-97
Московская область: 8 (495) 628-27-88

**Главное Следственное Управление Следственного комитета РФ** (дар сурати маҷбуран ба меҳнат ҷалб кардан ва пардохт нашудани музди меҳнат):
Санкт-Петербург: 8 (812) 571-00-40, 8 (812) 570-66-71, spb.sledcom.ru
Ленинградская область: 8 (812) 492-01-58, 8 (800) 200-97-80, lenobl.sledcom.ru
Москва: 8 (495) 690-25-28, 8 (495) 690-65-53, moscow.sledcom.ru
Московская область: 8 (499) 184-04-96, 8 (499) 184-00-65, mosobl.sledcom.ru

**Уполномоченный по правам человека**
Санкт-Петербург: 8 (812) 241- 46-77, ombudsmanspb.ru
Ленинградская область: 8 (812) 296-60-13, www.ombudsman47.ru
Москва: 8 (495) 957-05-85 ombudsman.mos.ru
Московская область: 8 (498) 602-32-20 upch.mosreg.ru

### Ташкилотҳои ҷамъиятӣ

**БФ «ПСП-фонд»** (дастгирии бепули ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):
8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09 psp-f.org, vk.com/pspfond

**«Гражданское содействие»** (дастгирии бепули ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар Москва):
8 (495) 681-18-23refugee.ru

### Хазинаҳои муфиди иттилоотӣ

Хазинаи ҷойҳои холии кори Вазорати меҳнати ФР «Работа в России»:
trudvsem.ru

Хизматрасониҳои электронӣ Федеральная служба по труду и занятости:
www.онлайнинспекция.рф
www.rostrud.ru

ГАС РФ «Правосудие» - суроғаҳои судҳои Россия
www.sudrf.ru

«Миграция и мигранты. Межрегиональный информационный портал» - маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои худ:
migrussia.ru

Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»
Авторы-составители: Хлызова Д.В., Якимов А.Н.
Редактор: Панич Б.Л.

Буклет «Трудовые права. Работа в России. Советы трудовым мигрантам» на таджикском языке.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Межрегиональный ресурсный центр по адаптации и интеграции мигрантов и гармонизации межнациональных отношений», реализуемого при поддержке Фонда президентских грантов.

ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»

# ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТ КОР ДАР РОССИЯ

## Маслиҳатҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ

2021

**Ҳангоми ҷустуҷӯи кор** ба Шумо маслиҳат медиҳем, ки аз хазинаи умумироссиягии ҷойҳои холии кор истифода баред: «Работа в России»: trudvsem.ru

Дар Россия рӯйхати иборат аз 135 касб барои мутахассисони баландихтисос амал мекунад, ки метавонанд шаҳрвандии Россияро дар сурати доштани собиқаи зиёда аз як соли кори расмӣ дар Россия бо низоми соддашуда дарёфт кунанд. Бо рӯйхати касбҳо дар ин сайт муфассал шинос шудан мумкин аст: www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/73476436/

**Ба Шумо ин маслиҳатҳои оддӣ ёрӣ медиҳанд:**

- **ба таври расмӣ кор кунед:** патенти кор гиред, бо кордиҳанда шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи граждании-ҳуқуқӣ бандед: кордиҳанда УҲДАДОР аст, ки бо Шумо шартнома бандад ва як нусхаашро бароятон диҳад. Кордиҳанда инчунин уҳдадор аст, ки барои ҳар корманде, ки мувофиқи шартнома барои ӯ беш аз 5 рӯз кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ кушояд. Қабул ба кор бо фармони кордиҳанда расмӣ мешавад. Корманд ҳуқуқ дорад, ки нусхаи фармони қабул шудан ба корро гирад.

  Намунаҳои шартномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба корро дар ин сайт дидан мумкин аст: онлайнинспекция.рф/documents

- **кордиҳандаи худро донед:** ном ва суроғаи ташкилотеро, ки дар он кор мекунед, роҳбари худ (вазифа, насаб, ном, телефон)-ро донед; ин маълумот хеле даркор мешавад, агар ба Шумо зарур шавад, ки барои ҳуқуқҳои худ талош кунед, маоши худро ситонед;
- **ба миёнравҳо муроҷиат накунед:** эҳтиёт кунед – миёнравҳо метавонанд Шуморо ҳамчун қувваи бепули корӣ истифода баранд.

  Кори иҷора (аз ҷониби кордиҳандагон ба ташкилотҳои дигар фиристонидани коргарони худ бе расмӣ кунондани муносибатҳои меҳнатӣ) дар Россия манъ аст.

- **андоза ва шартҳои пардохти музди меҳнатро аниқ муайян кунед:** Шумо бояд донед, ки чӣ қадар ва барои кадом кор бароятон музд медиҳанд. Андозаи музди меҳнат бояд дар шартномаи меҳнатӣ навишта шавад. Шумо пулро ё ба воситаи корти махсуси бонкии ба номи Шумо тайёршуда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзои худ гиред. Дар муҳосибот бояд ба Шумо варақаи ҳисобӣ диҳанд. Ҳар гуна муносибатҳои пулӣ бояд ҳуҷҷатӣ кунонда шаванд. Агар аз Шумо пул қарздор шаванд, аз кордиҳанда забонхат талаб кунед ва онро бо худ нигоҳ доред.
- **Ҳамаи чизеро, ки имзо мекунед, бо диққат хонед, нусхаи онҳоро талаб кунед.** Шумо ҳуқуқ доред, ки аз имзои шартномаҳо, огоҳиҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки бо мухтаво ва шартҳояшон розӣ нестед, даст кашед.
- **Ҳуҷҷатҳои худро барои нигоҳдорӣ ба кордиҳанда надиҳед:** ҳеҷ кас ба ғайри Шумо шиноснома, иҷозати кор, суғурта, нусхаи шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоятонро нигоҳ дошта наметавонад, инчунин озодии равуои Шуморо маҳдуд карда, телефонатонро кашида гирифта наметавонад. Кашида гирифтани шиноснома ва маҳдуд кардани озодӣ ҷиноят аст: дар ин ҳолатҳо ба политсия муроҷиат кунед!
- **барои гирифтани ёрӣ муроҷиат кунед:** ба политсия, Прокуратура, Государственная инспекция труда, суд, ба Уполномоченному по правам человека, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

## ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТИИ КОРМАНД

Ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар Трудовой кодекс РФ (ТК РФ) – (Кодекси меҳнати ФР – (КМ ФР)) баён шудаанд.

**Андозаи музди меҳнати** коргар бо воҳиди пурраи кор набояд камтар аз МРОТ (ҳадди ақали музди меҳнат) бошад. МРОТ-и умумироссиягӣ дар соли 2021 12792 рубл, дар Москва – 20589 рубл, дар Санкт-Петербург – 19000 рубл, дар вилояти Москва – 15000 рубл, дар вилояти Ленинград – 12800 рубл мебошад.

Кордиҳанда уҳдадор аст, ки қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи меҳнат риоя кунад, агар **шароити меҳнат дар ҷои кори Шумо** барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок бошад, таъҷилан корро қатъ карда, ба Следственный комитет (Кумитаи тафтишот) муроҷиат кунед.

**Давомнокии рӯзи корӣ** набояд аз 8 соат, ҳафтаи корӣ – аз 40 соат зиёд бошад. Барои кори аз меъёр зиёд маблағи иловагӣ пардохт карда мешавад (мувофиқи м.152, м.153 ва м.154 КМ ФР).

Агар корманд уҳдадориҳои меҳнатии худро иҷро накунад, кордиҳанда ба ӯ огоҳии хаттӣ, танбеҳ медиҳад ё мувофиқи тартиботи маъмул (м.192 ТК РФ) аз кор хориҷ мекунад. **Ҷарима бастан барои иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатӣ ғайриқонунӣ аст!**

Хориҷ кардан аз кор бе фаҳмондани сабабҳои он манъ карда шудааст (м. 76 КМ ФР). Ҳангоми хориҷ кардан ба корманд бояд фармони хориҷшавӣ дода, дафтарчаи меҳнатӣ бо сабти хориҷшавӣ баргардонида шавад.

Кордиҳанда уҳдадор аст, ки ба корманд ҳамаи вақти корӣ, ё кори иҷрокардаашро, ҳатто дар ҳолате, ки байни онҳо шартнома баста нашуда бошад ҳам, пардохт кунад (м. 67.1 КМ ФР).

**Дар ҳолати таъхири пардохти музди меҳнат ба Шумо** тавсия медиҳем:

- Дар ҳолате, ки маошро беш аз 15 рӯз дертар диҳанд, Шумо ҳуқуқ доред, мутобиқи қисми 2 моддаи 142 КМ ФР ба корфармо оид ба қатъ кардани кор вобаста ба напардохтани маош ариза пешниҳод кунед.
- Ба кордиҳанда дар бораи додани нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки ба кор дахл доранд, аз ҷумла варақаҳои ҳисобӣ, мутобиқи тартиби муқарраркардаи м.62 КМ ФР бо ариза муроҷиат кунед.
- Агар дар муҳлати 3 рӯзи корӣ ба Шумо нусхаи ҳуҷҷатҳоро надиҳанд, аз болои кордиҳанда ба Инспексияи давлатии меҳнат аризаи шикоятӣ нависед.
- Ба корфармо оид ба пардохти қарзи музди меҳнат эътироз баён кунед. Ин эътироз метавонад дастҷамъона бошад. Ҳангоми баррасии ариза кордиҳанда ҳақ надорад, ки Шуморо аз кор хориҷ кунад. Ҳангоми додани ариза муҳим аст, ки дар нусхаи он имзо ва муҳри кордиҳанда оид ба санаи қабули ариза мавҷуд бошад.

  Агар кордиҳанда ба эътироз ҷавоб надиҳад – ба прокуратура ё суд муроҷиат кардан зарур аст. Мутобиқи қ.1 м.45 Кодекси мурофиавӣ шаҳрвандии ФР прокуратура ҳуқуқ дорад ба суд барои ҳимояи манфиати кормандоне, ки ҳуқуқҳои меҳнатияшон поймол шудаанд, муроҷиат кунад, инчунин фаъолияти кордиҳандаро тафтиш карда, ӯро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашад. Аризаҳои дастҷамъӣ назар ба аризаҳои инфиродӣ дар ин бобат самарабахштар мебошанд.

- Мутобиқи м. 360.1 КМ ФР Нозироти давлатии меҳнат метавонад кордиҳандаро водор кунад, ки қарзи музди меҳнатро пардохт кунад – барои ин бояд ариза дар бораи напардохтани музди меҳнат бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ба Государственняя инспекция труда (ГИТ) дар минтақаи худ муроҷиат кунед.

  Мутобиқи м. 236 КМ ФР, ҳангоми аз тарафи кордиҳанда вайрон кардани муҳлати муқарраршудаи пардохти музди кор, пули рухсатӣ, пардохт ҳангоми аз кор хориҷ шудан ва (ё) дигар пардохтҳои мутааллиқ ба корманд кордиҳанда бояд онҳоро бо фоизҳояшон пардохт кунад.